

**11.04.2018**

**Аз огози даъвати бахории шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ беш аз 11 рӯз сипари гардид. Ва дар ин муддат ичрои накшаи ин маъракаи мухими сиёсӣ дар чумхурӣ 38 фоизро ташкил медихад.**

Аз аввали мохи апрели соли равон чорабинихои даъватии шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ дар хама шахру навохии мамлакат муташакилона ва дар сатхи зарури чараён дорад. Ва дар миёни шахру навохии мамлакат ВМКБ аз хама пешсаф буда, алакай дар нахустин рӯзхои ин маъракаи мухими сиёсӣ нохияи Мургоб аз аввалинхо шуда дар чумхурӣ аз ичрои накша гузориш дод. Дар ин замина инчунин нохияи Дарвоз низ дар арафаи анчом бахшидани накшаи даъват карор дошта, масъулини комиссияхои даъвати дар ВМКБ ичрои ӯхдадории ба онхо пешбинишударо то ин дам ба 49 фоиз баробар намудаанд.

Дар вилояти Сугд ичрои накша 40 фоизро ташкил дода, дар миёни дигар шахру нохияхои ин минтака айни хол нохияи Кӯхистони Масчох аз хама пешсаф аст.

Дар вилояти Хатлон нохияи Н.Хусрав алакай ичрои накшаро ба пурра ба анчом расонида, масъулини макомоти комисияи даъватии дар ин гарнизон ичрои накшаро ба 37,5 фоиз баробар намудаанд.

Бо хамин тартиб аз аввали мохи апрел ичрои накша дар комиссариати харбии нохияхои тобеи чумхурӣ ба 36 фоиз ва дар чахор навохии пойтахт бошад он ба 36 фоиз баробар аст.

Кобили зикр аст, ки шумораи чавнони сину соли даъвати нисбат ба талаботи Куввахои мусаллах хеле зиёд аст ва ин имконият медихад, ки аз байни онхо бехтаринхо чудо карда шаванд. Зеро натичаи чорабинихои даъвати ба вазъи омодагии Куввахои

Мусаллах таъсири бевосита мерасонад. Аз ин сабаб масъулини даъват кушиш мекунанд, ки танхо чавонони солиму бардам ва болаёкат ба хизмати хатмии харбӣ даъват карда шаванд.

Хушбахтона бо тахкими сулху суббот дар Точикистон, гамхорихои бевоситаи рохбарияти давлату хукумати чумхурӣ нисбат ба низомиён, таъмини шароитхои хуби хизмативу маишӣ ва хам таълими дар кисмхои низомии Артиши миллӣ, тавачухи ахли чомеа ба хусус чавонон ба хизмати харбӣ боис гаштааст, ки сафи ихтиёриён ва онхое, ки баъди гирифтани аввалин даъватнома ба комиссияи давлатии даъват хозир мешаванд зиёд гардида, обрую нуфузи КМ кишвар дар миёни ахоли боз хам афзун гаштааст.

**МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН**